**Суратҷаласаи №6**

**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз 28 августи соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 13 нафар, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 3 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 28-уми августи соли 2026, дар толори шуроҳои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа: доктори илмҳои таърих, Бобоев Х.Ю.**

**Котиби илмӣ: номзади илмҳои физика ва математика, Холов М.Ш.**

**Раиси ҷаласа.** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-061, ки тибқи Фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №466/шд аз 01.12.2025 тасдиқ гардидааст, 1 нафар (Шодиён М.С.) вафот кардаанд, ҳоло 13 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Кворум ҳаст. Ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори шуро чи гуна пешниҳод ҳаст? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ҳимояи оммавии рисолаи илмии **Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин** дар мавзуи «**Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)).

Диссертатсия дар кафедраи «Математика ва методикаи таълими он»-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Комилӣ Абдулҳай Шарифзода,** доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло** - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
2. **Шамсудинов Муъмин Инъомҷонович** - номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

**Муассисаи тақриздиҳанда** - Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. **Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои физика ва математика Бобоев Х.Ю. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои физикаю математика, Холов М.Ш. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯй қироат намуд.
3. **Унвонҷӯй:** Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Унвончӯй Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин ба саволҳои аъзоёни шуро Сатторов А.Э., Қурбонов Б.Р., Шамсуддинов Ф.М., Ҳасанов Д.Р., Қурбонзода Х., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

**Баромади роҳбари илмии унвончӯй: Комилӣ Абдулҳай Шарифзода,** доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи методикаи таълими физикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав

Тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи **Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин** дар мавзуи «**Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) бо имзои **раиси ҷаласа, ташхисгар** ва **котиби ҷаласа,** омода гардида бо имзои ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Асрорзода У.С. аз 30 июни соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин дар мавзуи «Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ,

метавон ниброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло** - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллим Тоҷикистон;
2. **Шамсудинов Муъмин Инъомҷонович** - номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

**Баромад ва тақриз ба автореферат.** Ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-061 4 тақризи ғайрирасмӣ ба автореферати Ҳусайнзода Р.С. аз номи шахсони зерин ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) хулосаҳо мавҷуднд:

1. **Каримов О.Х.** – муовини директор оид ба илми Институти математикаи ба номи академик А. Ҷӯраеви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика.
2. **Миратов С.Қ.** – мудири кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори фалсафа (PhD).
3. **Давлатбеков А.А.** – муаллими калони кафедраи математикаи олии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, номзади илмҳои физика ва математика.

4. **Исозода С.Қ.** – муовини ректор оид ба илм ва рушди рақамии Донишгоҳи инноватсия ва технологияҳои рақамии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати **Ҳусайнзода Р. С.** пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ **Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) сазовор мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯй шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Қурбонзода Х., Ҳасанов Д.Р., Баҳодурзода Б. интихоб гардиданд. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 13 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм-профессорон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравconfig.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар, зид - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-061 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) **хулосаи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда,

навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи **Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин** дар мавзуи «**Саҳми Абурайҳони Берунӣ дар инкишофи донишҳои риёзӣ дар асрҳои миёна**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Хайруллоҳзода Шамсуллоҳ Амрулло** - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Шамсудинов Муъмин Инъомҷонович** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи физикаи ҷисмҳои сахти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.
2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи унвонҷӯй мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.
3. Ба **Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин** дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 – Таърихи илму техника (математика)) дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба **Ҳусайнзода Руҳуллоҳ Салоҳуддин** додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика, (6D060101 –

Таърихи илму техника (математика))-ро дастгирӣ намуда, барои додани дипломи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мусоидат намояд.

**Раиси ҷаласа:** кӣ тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионист, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор - 13 нафар. Зид – нест. Бетараф – нест Якдилона қабул шуд.

**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ** **Бобоев Х.Ю.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Холов М.Ш.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
28 августи соли 2026

Ҷ.М.